Дар моҳҳои январ - июни соли 2024 гардиши савдои чакана ва таъмири автомобилҳо ба ҳисоби миёна ба як нафар сокини ҷумҳурӣ 2500,00 сомонӣ рост меояд.

**Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ,** ки дар моҳҳои январ - июни соли 2024 ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ дар ҷумҳурӣ, ки дар ҳамаи соҳаҳои хизматгузор расонида шудааст 11488,4 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта бо нархҳои муқоисавӣ 16,6 фоиз зиёд шудааст (индекси нарх 104,0 фоизро ташкил додааст).

Аз аввали соли 2024 **индекси нархҳои истеъмолӣ** 101,9 фоиз, аз он ҷумла ба молҳои озуқа – 101,3 фоиз, ба молҳои ғайриозуқа – 101,6 фоиз ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ – 104,0 фоизро ташкил кард.

Аз аввали соли 2024 нархи маҳсулоти зерин аз ҷумла; маҳсулоти гӯштӣ – 6,2 фоиз (гӯшти гов – 9,7 фоиз ва гӯшти гӯсфанд – 7,4 фоиз); мевагиҳо – 15,3 фоиз, равған ва чарбу – 6,5 фоиз, маҳсулоти каннодӣ – 3,4 фоиз, қахваю чой– 6,1 фоиз ва нӯшокиҳои беспирт – 1,8 қимат шудааст.

Зимнан, нархи тухм – 17,1 фоиз, сабзавот – 8,2 фоиз, орд- 4,4 фоиз, шакар – 3,9 фоиз ва шир – 1,4 фоиз арзон шудааст.

Аз аввали соли 2024 индекси нархи молҳои ғайриозуқа 1,6 фоиз қимат шудааст, ки асосан аз ҳисоби болоравии нархи маснуоти дорӯворӣ – 4,9 фоиз, матоъҳо барои дӯхти либос – 4,4 фоиз, масолеҳи сохтмонӣ – 3,6 фоиз, маводҳои шустушӯӣ – 3,5 фоиз, мебел ва таҷҳизот барои хона – 1,3 фоиз, пойафзол 1,0 фоиз ва асбобҳои маишӣ 0,8 фоиз ба қайд гирифта шудааст. Зимнан, нархи сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ – 7,2 фоиз аз ҳисоби нархи гази моеъ – 16,7 фоиз, бензин – 2,4 фоиз ва сӯзишвории дизелӣ – 0,3 фоиз арзон шудааст.

Аз аввали соли 2024 арзиши таърифаи хизматрасонии пулакие, ки ба аҳолӣ расонида мешавад, умуман 4,0 фоиз афзоиш ёфтааст, ки асосан аз ҳисоби харгуна хизматрасониҳои ба гурӯҳо ҷудонашуда – 16,4 фоиз, хизматрасониҳои маишӣ – 6,1 фоиз, хӯроки умумӣ – 2,7 фоиз ва меҳмонхонаҳо- 2,4 фоиз ба қайд гирифта шудааст.

Шумораи қувваҳои корӣ (аҳолии машғули кор ва бекорони расмӣ ба қайд гирифташуда) аз рӯи баҳои пешакӣ дар моҳи майи соли 2024-ум 2671,9 ҳазор нафарро ташкил дод, ки аз ҷумлаи онҳо 2623,3 ҳазор нафар (98,2 фоиз) дар соҳаҳои иқтисодиёт машғуланд ва 48,6 ҳазор нафар расмӣ мақоми бекорро гирифтаанд, ки 1,8 фоизи шумораи қувваҳои кориро ташкил медиҳанд.

Шумораи бекорони дар Агентиҳои меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон расмӣ ба қайд гирифташуда дар охири моҳи майи соли 2024-ум 48,6 ҳазор нафарро ташкил карда, нисбат ба моҳи майи соли 2023-юм 1,5 фоиз кам шудааст. Аз ҷумлаи бекорони бақайд гирифташуда занон 49,2 фоиз (23,9 ҳазор нафар). Сатҳи бекории расмӣ ба қайд гирифташуда нисбат ба шумораи қувваҳои корӣ 1,8 фоизро ташкил кардааст.

Музди миёнаи ҳармоҳаи номиналии меҳнат, ки ба кормандони кироякор пардохта шудааст, дар моҳи майи соли 2024-ум 2202,46 сомониро ташкил дод, ки нисбат ба моҳи апрели соли 2024–ум 0,7 фоиз кам ва нисбат ба моҳи майи соли 2023-юм 14,0 фоиз зиёд шудааст.

Музди ҳадди ақал 600 сомониро ташкил медиҳад.

Дараҷаи музди ҳақиқии меҳнат (бо назардошти тағйироти индекси нархҳо) дар моҳи майи соли 2024 нисбат ба моҳи апрели соли 2024-ум 0,6 фоиз кам ва нисбат ба моҳи майи соли 2023-юм 10,1 фоиз зиёд шудааст.

Дар моҳҳои январ-июни соли 2024 гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4414,3 млн. доллари ИМА-ро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 29,3 фоиз ё 999,3 млн. доллар зиёд шудааст.

**Содироти** мол дар моҳҳои январ-июни соли 2024-ум 997,8 млн. долларро ташкил кард, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 47,1 фоиз ё 319,3 млн. доллар зиёд шудааст.

**Воридоти** мол ба ҷумҳурӣ 3416,5 млн. долларро ташкил кардааст, ки нисбат ба моҳҳои январ-июни соли 2023-юм 24,9 фоиз ё 680,1 млн. доллар зиёд мебошад.

Оид ба **содирот шарикони асосӣ** инҳоянд: Швейцария – 29,9 фоизи ҳаҷми умумии содирот, Чин – 18,7 фоиз, Қазоқистон – 11,9 фоиз, Туркия – 11,1 фоиз, Ӯзбекистон – 8,1 фоиз, Федератсияи Русия – 5,9 фоиз, Эрон – 5,5 фоиз, Афғонистон – 3,9 фоиз, АМА – 1,0 фоиз ва ғайраҳо.

**Воридоти мол асосан** аз мамлакатҳои зерин сурат гирифтааст: Федератсияи Русия – 26,6 фоиз аз ҳаҷми умумии воридот, Чин – 20,2 фоиз, Қазоқистон – 16,1 фоиз, Ӯзбекистон – 5,6 фоиз, Эрон – 3,3 фоиз, Туркия – 2,9 фоиз, Беларус – 2,4 фоиз, Ҷумҳурии Корея – 1,6 фоиз, Олмон ва Ҷопон – 1,3 фоизӣ, ИМА – 1,1 фоиз ва ғайраҳо.

Дар амалиёти савдои хориҷӣ афзоиши бештари содирот нисбат ба воридот бо Туркия (111,1 млн. доллар), Афғонистон (39,2 млн. доллар), Ҷазираҳои Вирҷин (1,9 млн. доллар) ва Хорватия (1,8 млн. доллар) мушоҳида шудааст.

Тибқи маълумоти расмии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳҳои январ-июни соли 2024 ба ҷумҳурӣ 45 мамлакати хориҷи дуру наздик ба маблағи 79361,5 ҳазор доллар ё 20319,0 тонна ёрии башардӯстона расондаанд.

Аз ҷумлаи мамлакатҳои ёрирасон таносуби бештар аз рӯи арзиши ёрии башардӯстона ба Чин – 38,2 фоиз, Қазоқистон – 18,9 фоиз, ИМА – 17,7 фоиз, Ҷумҳурии Корея – 6,0 фоиз, Белгия – 4,0 фоиз, Федератсияи Русия – 3,5 фоиз, Нидерланд – 2,8 фоиз, Олмон, Шветсия ва Туркия – 1,5 фоизӣ, Ҳиндустон – 1,4 фоиз ва ғайраҳо рост меояд.

**Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**734025, Тоҷикистон, Душанбе, Бохтар, 17**
**E-mail: stat@tojikiston.com http://www.stat.tj**
**тел: (992 37) 223-02-45, факс: (992 37) 221-43-75**

TAJSTAT

# ВАЗЪИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МОҲҲОИ ЯНВАР- ИЮНИ СОЛИ 2024

2
0
2
4




**АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

## ВАЗЪИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Саноат.** Дар моҳҳои январ – июни соли 2024 корхонаҳои саноатӣ якҷо бо соҳибкорони хусусӣ ба маблағи 22550,7 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардаанд, ки нисбат ба моҳҳои январ - июни соли 2023-юм (бо нархҳои муқоисавӣ) 11,5 фоиз афзудааст.

Омили асосии рушди суръати соҳаи саноат асосан аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноати истихроҷ – 21,4 фоиз, саноати коркард – 11,0 фоиз, таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва маҳсулоти дуюмдараҷа – 1,6 баробар ба амал омадааст.

Дар **саноати истихроҷи** маъдан дар моҳҳои январ – июни соли 2024 ба маблағи 4862,0 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба моҳҳои январ - июни соли 2023-юм бо нархҳои муқоисавӣ 21,4 фоиз зиёд шудааст.

Афзоиши суръати рушди саноати истихроҷи маъдан аз рӯи намудҳои маҳсулотҳои истеҳсолӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта аз ҳисоби истихроҷи ангиштсанг ва бур – 34,1 фоиз, маъданҳои филизӣ – 31,6 фоиз, ҳаргуна канданиҳои фоиданок – 6,2 фоиз мушоҳида мегардад.

Ҳаҷми истеҳсолот дар **саноати коркард** дар моҳҳои январ – июни соли 2024–ум 12885,0 млн. сомонӣ, аз он маҳсулоти хӯрокворӣ якҷоя бо нӯшокиҳо ва тамоку 4786,4 млн. сомонӣ, истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ 1550,4 млн. сомонӣ, истеҳсоли маҳсулот аз чӯб ва коғаз, фаъолияти табъу нашр 362,8 млн. сомонӣ, истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ 38,3 млн. сомонӣ, истеҳсоли маҳсулоти кимиёвӣ 242,7 млн. сомонӣ, ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ 1817,3 млн. сомонӣ, истеҳсолоти металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ 3595,0 млн. сомониро ташкил дод. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ умуман дар соҳаи коркард 11,0 фоиз зиёд шудааст.

Дар моҳҳои январ – июни соли 2024 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ якҷоя бо нӯшокиҳо ва тамоку 8,1 фоиз зиёд шуд, ки он аз ҳисоби истеҳсоли консерваҳо – 11,8 фоиз, маҳсулоти қаннодӣ – 36,1 фоиз, нушокиҳои беспиртӣ – 18,0 фоиз ба вуҷуд омадааст.

Дар истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 17,8 фоиз зиёд шудааст, ки асосан аз ҳисоби зиёдшавии истеҳсоли газвори абрешими тайёр (атлас) – 14,4 фоиз, маҳсулоти чӯробу пайпоқ – 42,0 фоиз мушоҳида мегардад.

**Ҳаҷми истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва тозакунии ҳаво** дар моҳҳои январ – июни соли 2024-ум 4655,8 млн. сомониро ташкил кард, рушди истеҳсолот аз рӯи намуди фаъолияти мазкур ба 98,7 фоиз баробар шуд.

**Ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ** дар моҳҳои январ - июни соли 2024 дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ 21472,0 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм бо нархҳои муқоисавӣ 9,6 фоиз зиёд мебошад, аз он ҷумла дар соҳаи растанипарварӣ 14802,1 млн. сомонӣ ё ки 10,9 фоиз ва чорвопарварӣ 6669,9 млн. сомонӣ ё 6,7 фоиз зиёд аст.

Дар моҳҳои январ - июни соли 2024 дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ 685340 тонна ғалладонагиҳо (гандум 601680 тонна), 267111 тонна картошка, 1265250 тонна сабзавот (пиёз 554679 тонна), 412965 тонна полизӣ, 224826 тонна мевагиҳо (19540 тонна себ ва 145869 тонна зардолу), ангур 2705 тонна ва хӯроки чорво ба ҳисоби воҳиди хӯрока 453059 тонна истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм картошка 2,1 фоиз, сабзавот 11,4 фоиз (пиёз 5,7 фоиз), полизӣ 38,0 фоиз, мевагиҳо 21,3 фоиз (себ 38,7 фоиз ва зардолу 15,5 фоиз), ангур 15,4 фоиз ва зироатҳои хӯроки чорво 3,6 фоиз зиёд шуда, истеҳсоли ғалладонагиҳо 2,8 фоиз (гандум 4,6 фоиз) кам шудааст.

То 1 июли соли 2024 дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо саршумори чорвои калони шохдор 2705,7 ҳазор сарро ташкил кардааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 100,1 ҳазор сар ё 3,8 фоиз зиёд аст. Дар ҳамин давра саршумори гӯсфанду буз 7089,7 ҳазор сарро ташкил дода, 479,6 ҳазор сар ё 7,3 фоиз афзуд.

Дар моҳҳои январ - июни соли 2024 ҳаҷми истеҳсоли гӯшти чорвои калон ва майда (дар вазни зинда) дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо 88349 тоннаро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 14,7 фоиз зиёд мебошад.

Ҳаҷми умумии истеҳсоли шир дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар моҳҳои январ - июни соли 2024 - ум 412981 тоннаро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 4,8 фоиз зиёд мебошад.

Дар моҳҳои январ - июни соли 2024 ба миқдори 543,0 млн. дона тухм истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба нишондиҳандаи ҳамин давраи соли 2023-юм баробар мебошад. Дар давраи ҳисоботӣ истеҳсоли гӯшти паранда дар ҳамаи категорияи хоҷагидор ба 19187 тонна расонида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 19,4 фоиз кам мебошад.

Дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли пашм 5488,9 тоннаро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 5,1 фоиз зиёд аст.

Ҳаҷми истеҳсоли пилла 355,9 тоннаро ташкил намуд, ки дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,7 баробар зиёд мебошад.

Ҳаҷми истеҳсоли асал дар моҳҳои январ - июни соли 2024 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ 659,0 тоннаро ташкил намуд, ки дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 8,9 фоиз зиёд мебошад.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти **моҳипарварӣ** дар моҳҳои январ - июни соли 2024-ум 43,6 млн. сомониро ташкил кард, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,8 фоиз кам шудааст.

Дар моҳҳои январ - июни соли 2024 дар хоҷагиҳои моҳипарварии ҷумҳурӣ сайди моҳӣ 1673,3 тоннаро ташкил намуд.

Дар моҳҳои январ-июни соли 2024 **сармоягузории сармояи асосӣ** аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоягузорӣ ба маблағи 9576,8 млн, сомонӣ истифода карда шудааст, ки нисбат ба моҳҳои январ-июни соли 2023-юм 115,7 фоизро (бо нархҳои муқоисавӣ) ташкил медиҳад.

Дар моҳҳои январ - июни соли 2024 ба масоҳати умумӣ 629,5 ҳазор метри мураббаъ хонаҳои истиқоматӣ ба истифода дода шудаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 81,5 фоизро ташкил медиҳад.

Дар моҳҳои январ - июни соли 2024 бо **ҳамаи намуди нақлиёт** 60986,7 ҳазор тонна бор кашонда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 13,8 фоиз зиёд шудааст.

Дар моҳҳои январ - июни соли 2024 бо нақлиёти автомобилии ҳамаи вазорату идораҳо, корхонаву ташкилотҳои ҳамаи шаклҳои моликият, ки нақлиёти автомобилӣ доранд ва инчунин бо нақлиёти автомобилии шахсони воқеӣ, ки ба боркашонии тиҷоратӣ машғуланд, 57757,4 ҳазор тонна бор кашонида шуд, ки 94,7 фоизи ҳаҷми умумии боркашонии ҳамаи намудҳои нақлиётро ташкил медиҳад. Ҳаҷми боркашонӣ бо нақлиёти автомобилӣ нисбат ба моҳҳои январ - июни соли 2023-юм 14,6 фоиз зиёд шудааст.

Дар моҳҳои январ - июни соли 2024 бо нақлиёти роҳи оҳан (бо назардошти молборкунӣ, молфарорӣ ва интиқоли борҳои транзитӣ) 3228,7 ҳазор тонна бор кашонида шудааст, ки нисбат ба моҳҳои январ - июни соли 2023-юм 0,7 фоиз зиёд шудааст.

**Гардиши бор** бо ҳамаи намудҳои нақлиёт дар моҳҳои январ - июни соли 2024 дар ҳаҷми 5856,4 млн. т.км ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба моҳҳои январ-июни соли 2023-юм 112,5 фоизро ташкил медиҳад.

Бо ҳамаи намудҳои нақлиёти мусофиркашонӣ дар моҳҳои январ - июни соли 2024-ум 483082,1 ҳаз. нафар мусофир кашонида шудааст, ки нисбат ба моҳҳои январ - июни соли 2023-юм 9,0 фоиз зиёд аст. Мусофиркашонӣ бо нақлиёти хушкигард дар ҷумҳурӣ ҷои асосиро ишғол менамояд, ки таносуби он 99,9 фоизи ҳаҷми умумии мусофиркашонии ҳамаи намудҳои нақлиётро ташкил медиҳад.

Бо **нақлиёти роҳи оҳан** 214,1 ҳазор мусофир (нисбат ба моҳҳои январ – июни соли 2023-юм 99,5 фоиз) ва бо нақлиёти ҳавоӣ 481,5 ҳазор мусофир (нисбат ба моҳҳои январ-июни соли 2023-юм 133,4 фоиз) мусофир кашонда шудааст.

**Гардиши мусофирон** бо ҳамаи намудҳои нақлиёт дар моҳҳои январ - июни соли 2024-ум 6710,7 млн. мусофир км-ро ташкил кард, ки нисбат ба моҳҳои январ-июни соли 2023-юм 18,3 фоиз зиёд шудааст.

Дар моҳҳои январ – июни соли 2024 ҳаҷми **гардиши савдои яклухт, чакана ва таъмири автомобилҳо** 29492,4 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба моҳҳои январ - июни соли 2023 - юм бо нархҳои муқоисавӣ 11,9 фоиз зиёд шудааст.

Дар ҳаҷми умумии фурӯши молҳои озуқаворӣ таносуби бештар аз рӯи арзиш ба гӯшт ва маснуоти гӯштӣ (15,5 фоиз), нон ва маҳсулоти нонӣ (17,5 фоиз), қанду шакар ва маснуоти қаннодӣ (4,9 фоиз), сабзавот ва картошка (5,3 фоиз) ва равғани растанӣ (4,4 фоиз) афзалият доранд. Аз молҳои ғайриозуқаворӣ таносуби бештар ба маводҳои бинокорӣ (29,1 фоиз), автомобилҳо ва қисмҳои эҳтиётӣ ба онҳо (11,4 фоиз), газворҳо (8,8 фоиз), асбобҳои барқӣ (4,6 фоиз) ва ғайраҳо рост меояд.